Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015
назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ (73402, ш.
Душанбе, хиёбони академикҳо
Раҷабовҳо, 10а, www.ttu.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзӯи "Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои куҳии тоҷикистон", аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 –«Иқтисодиёти саноат ва энергетика»)**

Дар давлате, ки 93% онро кӯҳҳо ишғол менамоянд ва ин куҳҳо дорои боигарии зиёде мебошанд, бе шубҳа гуфтан мумкин аст, ки яке аз роҳҳои асосии тарраққиёти мамлакат маҳз аз тарраққиёти корхонаҳои саноати куҳӣ вобастагии зич доранд.

Холов Т.Т. таъкид менамояд, ки таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва саноаткнонии босуръати мамлакат яке аз ҳадафҳои стратегии давлат мебошад, зеро саноаткунонии босуръати кишвар ва балад бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ бе фаъолияти босамари корхонаҳои саноати куҳӣ ғайриимкон мебошад.

Аз ин рӯ, мавзуи кори диссертатсионии интихобгардида, ки ба масъалаҳои тақвияти фазои мусоидати сармоягузорӣ дар самти рушди корхонаҳои саноати куҳӣ бахшида шудааст дар шароити муосир хело мубрам арзёбӣ мегардад.

Муаллиф қайд намудааст, ки ҳоло бештар барои рушди сармоягузории соҳаҳои коркарди маъдан сармоягузориҳои мустақим истифода мегардад, ки тавасути тақвияти фазои сармоягузорӣ бо пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ ташаккул ёфтаанд (С.3)

Муаллиф барои ҳалли вазифаҳои тараққиёти дурнамои рушди пойгоҳи захирвию маъданӣ ва дар ин замина, рушди босуръати истеҳсоли маҳсулоти саноати маъданҳои куҳӣ ва металлургияро хуб асоснок кардааст(С.7).

Холов Т.Т. дигар масъалаи ҳалталаби арзёбии самаранокии идоракунии корпоративӣ дар ташаккули ҷолибияти сармоягузорӣ ва тақвияти фазои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноати маъданҳои кӯҳӣ ба таври назаррас нишон додааст (С.8).

Дар баробари ин нишондиҳандаҳои маблағгузории соҳаи геологияи Тоҷикистон таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки манбаъҳои маблағгузории дарёфт ва коркарди захираҳои маъданҳои фоиданок тавассути ташкил ва

рушди корҳои ҷустуҷӯии геологӣ аз ҷониби Саридораи геологии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ночиз мебошад (С.16).

Дар маҷмӯъ автореферати Холов Т.Т. дар мавзуи хело мубрам анҷом дода шудааст ва талаботҳои муосире, ки нисбат ба корҳои диссертатсионӣ эълон мегардад, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат камбудиҳои ҷузъи низ ба назар мерасад, ки баъзеи онҳоро мо номбар мекунем:

1. Сармоягузориҳои барои корхонаҳои кӯҳи дар намуди ҷадвал оварда шудааст, хуб мешуд, ки дар мисоли як корхонаи кӯҳи таҳлил нишон дода мешуд.
2. Баъзе хулосаҳои маллиф хислати умуминазариявӣ дошта, хуб мешуд он андешаҳо бо мисолҳои мушаххас тасдиқ карда мешуданд.

Эродҳои мазкур баҳои мусбати кори иҷрошударо қадре ҳам паст намекунад, зеро натиҷаҳои илмии ба дастомада аз сатҳи баланди илмию назариявии таҳқиқот, навгонӣ ва аҳамияти амалии мундариҷаи рисола дарак медиҳад.

Дар маҷмӯъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Холов Тоҳирҷон Толибҷонович ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ др мавзӯи “Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии тоҷикистон” қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
**мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ,**
**Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон**
**н.и.и., и.в. дотсент** Облоқулов В.М.

**Имзои Облоқулов В.М. тасдиқ менамоям**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Муминова Д.М

Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Управления кадров и специальных дел

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**735730, ш.Бӯстон, к.Баротов А.,6**
**Телефон (+9923451) 5-02-89, 5-01-75**

**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015
назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.Осимӣ. Ҷумҳурии
Тоҷикистон, 734042, шаҳри Душанбе,
хиёбони акамемикҳо Раҷабавҳо, 10.**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзуи “Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ” аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика).**

Такмили фазои сармоягузорӣ ба ҷоннок намудани ҷараёни сармоягузорӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, азнавсозии воситаҳои асосии корхонаҳои соҳавӣ ва афзун намудани сармояи гардони онҳо, рушди сармояи инсонӣ замина мегузорад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои захираҳои маҳдуди замин ва қаторкӯҳҳои сершумор мебошад, соҳаи умедбахши рушди неруҳои истеҳсолкунанда саноати маъдан ва саноати коркард ба ҳисоб меравад. Тақвияти фазои мусоид барои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон ва афзоиши сармоягузорӣ ба иқтисоди ҷумҳуриро на танҳо ба афзоиши эътимод ба заминаи меъёрӣ, балки ба таъмини суботи макроиқтисодӣ ва молиявӣ марбут медонем. Албатта, ногуфта намонад, ки барои омӯзиш ва корҳои иктишофу азхудкунии канданиҳои фоиданоки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд буда, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар ҳолати муосир ҳамчун роҳи ҳалли масъалаҳои ҳалталаби ин соҳаи барои рушди ҷории иқтисодиёт муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳоло ҷалби сармояи хориҷӣ, алалхусус сармоягузории мустақим дар рушди саноати кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои назаррас дорад. Он дар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, истихроҷ ва коркарди маҳсулоти тайёри ба рақобат тобовар, ворид гардидани маблағҳои иловагӣ ба буҷети маҳаллӣ, ташкил намудани инфрасохтори истеҳсолию маишӣ ва ғайра нақши муҳиме мегузорад.

Муаллиф дар кори диссертатсионӣ чунин мешуморад, ки барои расидан ба мақсадҳои кори илмӣ тадбирҳои асоснок бояд амалӣ гарданд. Инчунин, муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки бе таъмини ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба сохаи саноати кӯҳӣ ва зиёд намудани ҳаҷми сармоягузориҳо ба соҳаҳои саноат расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодиёт, таъмини шуғли аҳолӣ ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли молҳои саноатии ба содирот нигаронидашудаи рақобатпазир ғайри имкон аст.

Таҳлили сохтори кори диссертатсионӣ ва автореферати унвонҷӯ Холов Тоҳирҷон Толибҷонович нишон медиҳад, ки зарурияти таҳқиқотро дар асоси ҳолати воқеии рушди минбаъдаи саноати маъданҳои кӯҳӣ ба дараҷаи кофӣ дар бар мегирад.

Бояд қайд намуд, ки муаллиф таҳқиқоти илмиро бо риояи тамоми талаботҳои иҷроиши он ба анҷом расонидааст, ки он дорои аҳамияти баланди илмию амалӣ мебошад.

Дар автореферат новобаста аз ҷиҳатҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд.

1.Муаллиф дар автореферат ба маврид қайд кардааст, ки кишварҳои дорои иқтисоди бозории рушдёфта шаклҳои гуногуни дастгирии давлатиро барои сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои бузург баҳри рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ истифода мебаранд, беҳтар мешуд, агар чанде аз ҷузвҳои ин таҷриба барои шароити Тоҷикистон пешниҳод мегардид.

2.Дар автореферат баъзе норасоиҳои имлоию техникӣ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқотҳои илмии минбаъда аз манфият холӣ нест.

Автореферат ва муҳтавои диссертатсия ба Шинономаи ихтисосҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 –Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мувофиқ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзуи "Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ" аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи таҳлили
иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи
аграрии Тоҷикистон ба номи
Шириншоҳ Шоҳтемур                                        Самандарзода И.Ҳ.

Имзои д.и.и., профессор И. Ҳ. Самандарзодаро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои ДАТ ба номи Шириншоҳ Шотемур                   Абдуҳалимзода Н.А.

Ба Шурои̅ диссертатсионии 6D.KOA-015
назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.Осимӣ. Ҷумҳурии
Тоҷикистон 734042, шаҳри Душанбе,
хиёбони акамемикҳо Раҷабавҳо 10

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзӯи "Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод"аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика.**

Чи тавре, ки дар матни автореферат қайд гардидааст раванди сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти ҳар як мамлакат нақши муҳим мебозад ва яке аз омилҳои муҳими низоми иқтисодӣ мебошад, ки рушди имкониятҳои технологӣ ва самаранокии истеҳсолоти моддиро муайян менамояд. Сармоягузорон бо мақсади амалигардонии бозсозии сохтори саноат ва таъмини рушди устувори иқтисодиёт, рушди минбаъди соҳаҳои алоҳидаи саноат ҷалб карда мешаванд. Дар ин маврид дар баробари захираҳои иловагии моддию молиявӣ, инчунин, техникаю технологияҳои пешқадами хориҷӣ, таҷҳизот, таҷрибаи роҳбарӣ ва ғайраҳо ҷалб гардида, ҷойҳои нави корӣ ташкил карда мешаванд. Ворид гардидани сармояи хориҷӣ ба рушди минбаъдаи соҳаи саноати кӯҳӣ инчунин нишондиҳандаҳои содиротии мамлакат, истеҳсолоти ивазкунандаи воридот, баланд бардоштани сатҳи техникию технологии истеҳсолот, сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ нигаронида шудааст.

Дар шароити имруза яке аз паҳлуҳои муҳими татбиқи сиёсати сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаи саноати кӯҳӣ ин омӯзиши фазои сармоягузорӣ мебошад. Барои ба даст овардани тасвири ҳамаҷониба, мафҳуми фазои сармоягузорӣ омилҳои таъсиррасонанда хело зиёд мебошанд, ки унвонҷу дар афтореферат ба маврид кайд кардааст, ки "фазои сармоягузорӣ ин маҷмӯи шароитҳои хоси ҳар як кишвар, соҳаи мушаххаси он мебошад, ки асоси рушди бомуваффақияти иқтисодӣ ҳам дар замони муосир ва ҳам оянда буда ва он ба беҳтар шудани нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди кишвар, соҳаҳои алоҳидаи он ва афзоиши саҳми онҳо дар ММД ва рушди некуаҳволии халқ мусоидат менамояд"

Таҳлил ва маълумотҳои пешниҳодгардидаи автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон саноати истихроҷи маъдан аз ҷумлаи соҳаҳои афзалиятнок ва стратегӣ буда, солҳои охир ба рушди он таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Махсусияти соҳаи мазкур аз дигар соҳаҳои саноат дар он аст, ки тамоми корхонаҳои соҳа дар асоси сармоягузориҳои хориҷӣ ташкил ва таҷдид карда шудаистодаанд. Вобаста ба ин таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва

методологии ташаккули муҳити сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат, аз он ҷумла дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан дорои аҳамияти муҳим буда, имконият медиҳад, ки ҷиҳати тақвияти он коркардҳои илман асоснок пешниҳод карда шудааст. Дар хулосаи автореферат муҳаққиқ ҳар як бобро ба таври алоҳида натиҷагирӣ кардааст, ки мазмуни пурраи мавзуи кори илмиро инъикос карадаст.

Бо вуҷуди ба талабот ҷавобгу бадан, баъзе нуқсонҳо ва норасогиҳо дар автореферати рисола ба назар мерасанд:

1.Агар аз боби дуюми диссертатсия дар автореферат маълумотҳои зиёдтар оиди саноати маъданҳои куҳии Тоҷикистон пешниҳод мегардид мазмун ва мухтавои кори илмиро ба пуррагӣ инъикос менамуд.Аз он ҷумла мавқеи ҷойгиршавии конҳо, захираҳои тавозунии конҳои канданиҳои фоиданок ва дигар маълумотҳо.

2.Дар автореферат баъзе нуқсонҳои имлоию техникӣ ба назар мерасад,ки ба инобат гирифтани онҳо дар тадқиқотҳои минбаъда ба манфиати кор аст.

Ин эродҳои боло зикр ҷузъӣ набуда, ба сифати кори илмӣ ва афтореферат таъсир намерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзӯи "Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон" кори ба анҷомрасидаи илмӣ буда, арзиши баланди илми-назариявӣ дорад ва ба талаботҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи рисола бошад барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод"аз рӯи ихтисоси 08.00.04 Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) сазовор аст.

**Муқарриз:**

Мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди милии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент

Асоев Муфарах Мазоридинович

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, info@apa.tj, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. Саид Носир,.33. Тел.: +992 (37) 224-17-86

Имзои н.и.и., дотсент Асоев Муфараҳ-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии

**Ғаюров Фаромуз Зоирхонович**

*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (73402, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а, www.ttu.tj)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзӯи "Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои куҳии Тоҷикистон", аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 –«Иқтисодиёти саноат ва энергетика»)**

Дар марҳилаи гузариш ба низоми идоракунии иқтисодии нав, махсусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аксарияти масоҳаташро кӯҳҳо ишғол менамоянд, саноат ва корхонаҳои кӯҳӣ омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои стратегӣ буда, ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҳамасола боз тадриҷан зиёд гардида истодааст.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки бештар барои рушди сармоягузории соҳаҳои коркарди маъдан сармоягузориҳои мустақим истифода мегардад, ки тавасути тақвияти фазои сармоягузорӣ бо пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ ташаккул ёфтанд.

Аз ин рӯ, мавзуи интихобгардидаи диссертатсионӣ, ки ба масъалаҳои тақвияти фазои мусоидати сармоягузорӣ дар самти рушди корхонаҳои саноати куҳӣ бахшида шудааст, дар шароити муосир хело мубрам ба ҳисоб меравад.

Муаллиф қайд намудааст, ки рушди саноати миллӣ дар заминаи татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар яке аз самтҳои стратегии сиёсати иқтисодии давлат дар давраи миёна ва дарозмуҳлат мебошад. Дар ин замина солҳои охир ба масъалаҳои рушди саноати миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуда, вобаста ба ин ҳалли масъалаҳои назариявию методологӣ ва амалии рушди устувори саноат аҳамияти муҳим пайдо кардаанд (С. 10).

Холов Т.Т., дигар масъалаи ҳалталаби нақшаи назариявии алоқамандии байни мафҳумҳои фазои сармоягузорӣ, иқтидори сармоягузорӣ, хавфи сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ ва натиҷаҳои он дар сатҳи глобалӣ, минтақавӣ ва иқтисодиёти миллӣ хело хуб асоснок намудааст (С. 12).

Дар умум автореферати Холов Т.Т., дар мавзуи хело мубрам иҷро карда шудааст ва талаботҳое, ки нисбат ба корҳои диссертатсионӣ эълон мегардад, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферат камбудиҳо низ ба назар мерасад, ки баъзеи онҳоро мо номбар менамоем:

1. Дар автореферат хавфҳои объективӣ ва субъективӣ пурра кушода нашудааст.

2. Дар баъзе ҷойҳои автореферат хатогиҳои графикӣ ба чашм мерасанд.

Автореферати диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ др мавзӯи “Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои куҳии Тоҷикистон”, аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**Тақриздиҳанда,**

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон Абдуқодиров Х.А.

Имзои Абдуқодиров Х.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон Мирпоччоев И.Ҳ.

*Суроға: 700735, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1. E-mail: Khon1974@mail.ru, Тел: (+992) 92 848-49-35, E-mail: tsulbp@rambler.ru, Тел: +992 (3422) 2-38-11, Факс: +992 (3422) 2-51-70*